Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

14 августи соли 2024 Чоршанбе
№ 65 (15076)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАҚДИМОТИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА ЛОИҲАҲОИ СТАРТАП БАРГУЗОР ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев 13 август бо тақдимот дар бораи чорабиниҳо оид ба рушди технологияи зеҳни сунъӣ ва лоиҳаҳои стартап дар соҳаи IT шинос гардид.***

Дар мамлакатамон технологияи иттилоотӣ босуръат инкишоф меёбад, ки дар тамоми соҳаҳо татбиқ мегардад. Дар натиҷа танҳо дар давраи гузаштаи соли ҷорӣ ҳаҷми хидматрасонии рақамӣ аз 21 триллион сўм зиёд гардида, интизор меравад, ки то охири сол ба 43 триллион сўм мерасад. Содироти хидмати соҳа 367 миллион долларро ташкил намуд. Теъдоди резидентҳои IT-парк ба 577 нафар зиёд гардида, аз 2 ҳазор афзуд. Миқдори ходимони ҷавони онҳо ба 32 ҳазор расид.

Соли ҷорӣ беш аз 100 лоиҳаи рақамисозӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, энергетика, нақлиёт, таълим, хоҷагии қишлоқу об, сохтмон ва ғайра ба амал татбиқ мегардад.

Замона босуръат тағйир меёбад. Зеҳни сунъӣ ва технологияи рақамӣ ба тамоми соҳаҳо ворид мегарданд. Дар ин самт дар мамлакатамон низ чандин лоиҳа ба кор андохта шудааст.

Барои мисол масъалаҳои «My ID» ва «UzFace» ба беш аз 70 ташкилот, бонк, маркетплейс ва низоми пардохт ҷорӣ карда шуда, имкони идентификатсияи фосилавии биометрии 10 миллион истеъмолгар фароҳам оварда шуд. «Ўзбеккосмос» бо мадади зеҳни сунъӣ қариб 43 ҳазор ҳолати истифодаи ғайриқонунии захира ва сохтмони ғайриқонуниро фош намуд.

Дар тақдимот чорабиниҳо оид ба рушди технологияи зеҳни сунъӣ дар чунин соҳаҳо, мисли тандурустӣ, кишоварзӣ, бонк, андоз, гумрук баррасӣ гардиданд.

Таъкид шуд, ки дар навбати аввал пойгоҳи қонунмандӣ доир ба зеҳни сунъӣ бояд ба вуҷуд оварда шавад. Вазифаи таҳияи стратегияи татбиқи зеҳни сунъӣ ва барномаи дусолаи лоиҳаҳо гузошта шуд. Ба вуҷуд овардани Маркази технологияи зеҳни сунъӣ супурда шуд.

Аз он ҷумла ногузирии вусъат додани корбурди зеҳни сунъӣ дар соҳаи бонку молия, тарбияи кадрҳои соҳавӣ ва такмили ихтисоси ходимон таъкид ёфт.

Ҳоло ҳозир кадрҳои зеҳни сунъӣ дар чор донишгоҳ таълим дода мешавад. Эҳтиёҷ ба 600 нафар мутахассис доир ба таҳияи маълумоти зиёд ва моделҳои забонӣ вуҷуд дорад. Ин теъдод дар солҳои наздик ба маротиб меафзояд. Инро ба инобат гирифта, аҳамияти тарбияи мутахассисон, ки ба талаботи марбут дар ҷиҳати соҳаҳо заруранд, таъкид ёфт.

Ҳамаи IT-ширкатҳои пешқадами ҷаҳон фаъолияти худро аз стартап шурўъ намудаанд. Дар мо низ қадамҳои аввал гузошта мешаванд.

Соли гузашта ҳаҷми сармояи венчур, ки ба чунин лоиҳаҳо ҷалб гаштааст, 134 миллион долларро ташкид намуд.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки замони фароҳам овардани шароити васеъ барои сармояи венчур барои таъмини молиявии стартап-лоиҳаҳо фаро расидааст. Бинобар ин супоришҳо барои рушди стартап-экосистемаҳо, татбиқи механизмҳои таъмини молиявии венчур дода шуд.

**ЎзА.**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МИҚДОРИ МУЗДИ МЕҲНАТ, НАФАҚА ВА КУМАКПУЛИҲО

Бо мақсади васеъ намудани миқёси тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, давом додани сиёсати пай дар пай зиёд кардани даромади шаҳрвандон ва пурзўр намудани ҳифзи иҷтимоии онҳо, инчунин ҳавасмандгардонии иловагии меҳнати кормандони педагогӣ ва тиб нигаронида шудаанд:

**1.** Аз **1 сентябри соли 2024** ҳаҷми нафақа ва кумакпулиҳо **15 фоиз** зиёд карда шавад. Дар ин ҳолат:

андозаи асосии ҳисоб кардани нафақа – моҳе **428 000 сўм**;

миқдори ҳадди ақали нафақаи пиронсолӣ – моҳе **834 000 сўм**;

миқдори ҳадди ақали нафақаи маъюбӣ – моҳе **920 000 сўм**;

миқдори **дигар нафақа ва кумакпулиҳое**, ки ба шаҳрвандон пардохта мешаванд, мувофиқи **замима** муқаррар карда шавад.

**2.** Аз **1 октябри соли 2024**:

миқдори музди меҳнати кормандони соҳаи тиб, ки дар ташкилотҳои буҷавӣ кор мекунанд, инчунин кормандони педагогӣ, ки дар муассиса ва ташкилотҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, миёнаи махсус, касбӣ ва беруназмактабӣ, хона-интернатҳои «Мурувват», хонаҳои кўдакон ва Меҳрубонӣ, санаторияҳои кўдакона кор мекунанд, **15 фоиз** зиёд карда шавад;

миқдори музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои коркуноне, ки дар банди дуюми ҳамин пункт пешбинӣ шудаанд, **10 фоиз** зиёд карда шавад;

миқдори ҳадди ақали пардохти меҳнат моҳе – **1 155 000 сўм** муқаррар карда шавад;

андозаи асосии ҳисоб – **375 000 сўм** муқаррар карда шавад.

**3.** Хароҷоти вобаста ба зиёд кардани музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа ва кумакпулиҳо аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Фонди нафақаи ғайрибуҷетии назди Вазорати иқтисод ва молия пардохта мешавад.

**4.** Ба корфармоён тавсия дода шавад, ки баланд бардоштани миқдори музди меҳнатро мутобиқи миқдори ҳадди ақали музди меҳнат амалӣ намуда, пардохти музди меҳнатро на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнати муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ таъмин намоянд.

**5.** Ба Вазорати иқтисодиёт ва молия супурда шавад, ки якҷоя бо Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон ва Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ корҳоро оид ба васеъ равшан намудани мақсад ва вазифаҳои Фармони мазкур, натиҷаҳои пешбинишаванда дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаи Интернет ва иҷтимоӣ ташкил кунад.

**6.** Масъулияти шахсӣ барои таъмини иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ.А. Қўчқоров гузошта шавад.

Муҳокимаи рафти иҷрои Фармони мазкур, амалӣ намудани мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои ба иҷрои онҳо масъул ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистан Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 12 августи соли 2024*

*Қаҳрамонони Бозиҳои олимпии Париж-2024*

# ШУМО МОЯИ ИБРАТИ БУЗУРГ БАРОИ ҶАВОНОНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Дар ин рўзҳо сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо шодиву сурур ва хурсандиҳои беҳамто ғалабаи варзишгаронамонро ид мекунанд. Дар майдони ҳавоии байналмилалии ба номи Ислом Каримов ғолибони Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2024, ки дар Фаронса баргузор гардид ва дар маҷмўъ бо ҳашт медали тилло, ду медали нуқра ва се медали биринҷӣ ба Ватан баргаштанд, ба таври шоиста ва тантанаи хос истиқбол гирифта шуданд.***

Ҳайати олимпии мо бо ин нишондод дар ҳисоби медалҳо дар байни 206 кишвари ҷаҳон мақоми 13-умро касб кард. Ўзбекистон дар қитъаи Осиё чаҳорум шуд ва дар миёни кишварҳои ИДМ, минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин кишварҳои узви ҳамбастагии исломӣ ва Созмони кишварҳои туркӣ Ўзбекистон мақоми аввалро ишғол намуд ва ин дастоварди беҳтарин барои Ўзбекистони Нав аст.

Боз ҳамин нуктаро қайд мекунем, ки ғолибон бо мукофоту ҷоизаҳои хоси давлатӣ сазовор гардиданд, ки боиси ифтихор ва шодиву нишоти онҳову аъзои хонаводаашон гардид. Дар байни варзишгароне, ки пирўзӣ ба даст овардаанд, ду нафар сокини вилояти Фарғона ва як нафар сокини вилояти Андиҷон мебошанд.

Ба ин тартиб, ғалабаи Асадхўҷа Мўйдинхўҷаев ва Лазиз Муллоҷонови фарғонагӣ ва Ҳасанбой Дўсматови андиҷонӣ ба таври ҳақиқӣ мақоми ғалабаи таърихиро касб намуд ва боиси ифтихору сарфарозиҳои мардуми ин ду вилоят низ қарор гирифт. Аз ҳама муҳимаш Президенти мамлакат тавассути телефон мустақим қаҳрамонони олимпиро бо пирўзиашон дар Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж самимона табрик намуд. Аз ҷумла, Сарвари давлат зимни суҳбат бо Асадхўҷа ва Лазизбек чунин гуфт:

«Ба шумо ташаккур арз мекунам ва шодбош мегўям! Шумо бори дигар исбот кардед, ки Ўзбекистон дар бокс дар арсаи ҷаҳон беҳамто аст. Шумо каҳрамонони ҳақиқии халқи мо гардидед ва барои ҷавонони Ўзбекистони Нав мояи ибрати бузург мебошед. Тамоми аҳли ҷамъияти ҷаҳон дид, ки писарони мамлакати мо ба чӣ қодиранд ва ман бо шумо фахр мекунам!».

Чемпионҳо низ бо ифтихору шодмонӣ аз боварии Сарвари давлат ва халқи мо ибрози қаноатмандӣ намуданд ва ба Шавкат Мирзиёев барои таваҷҷуҳ ва шароите, ки дар мамлакат барои ба даст овардани чунин ғалабаҳо заминаи мусоид фароҳам овардааст, изҳори сипос намуданд. Онҳо қавл доданд, ки минбаъд низ парчами Ватанро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардоранд ва номи Ўзбекистонро дар ҷаҳонараннум мекунанд.

*(Давомаш дар саҳ.2).*




*«Париж – 2024»:*

# ПАРАВАРЗИШГАРОНАМОН БА МАЙДОНИ ОРИЯТ РОҲ МЕГИРАНД

***Дар шаҳри Парижи Фаронса дар баробари ба итмом расидани Бозиҳои олимпии тобистонаи XXXIII ба Бозиҳои паралимпии тобистонаи XVII омодагӣ мегиранд.***

Аз 28 август то 8 сентябри соли ҷорӣ дар байни варзишгарони боматонат ва бо ирода бозиҳои чорсола ташкил мегардад, ки ин дафъа дар он 65 нафар ҳамватанонамон дар 9 намуди варзиш: параатлетикаи сабук, паратаэквондо, паратирпарронӣ, парашиноварӣ, параканоэ, парақайиқронии академӣ, парадзюдо, парапауэрлифтинг ва паравелоспорт барои 113 мақоми ҷоизадор мубориза мебаранд.

Молики эътибор аст, ки ин нишондод дар таърихи паралимпии Ўзбекистон рақами рекордӣ аст.

Барои қиёс, ин тоифаи варзишгаронамон дар шаҳри Рио-де-Жанейро соли 2016 32, дар бозиҳои Токио соҳиби 70 литсензия гардида буданд.

Дар Музейи шуҳрати олимпии пойтахт маросими гусел намудани ҳайати паралимпии Ўзбекистон ба Париж дар ин бора сухан рафт.

Дар маросиме, ки ба таври тантанавӣ зери садои мадҳияи давлатӣ оғоз гардид, Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулло Арипов, муовини якуми раиси Агентии миллии ҳимояи иҷтимоӣ Шаҳноза Мирзиёева, ғолибони Бозиҳои олимпии Париж – 2024 Диёра Келдиёрова, Улуғбек Рашитов, чемпиони ҷаҳон оид ба паратлетикаи сабук, соҳиби медали биринҷии Бозиҳои паралимпии Токио – 2020 Асила Мирзоёрова изҳор намуданд, ки дар диёрамон ба одамони имкониятошон маҳдуд шароит, имконоти хуб фароҳам оварда шуда, онҳо дастгирӣ карда мешаванд. Бо ғалабаҳои нав таъмин намудани Ўзбекистони Нав аз ҷониби паравaрзишгаронамон вазифаи муҳим ҳисоб гардида, бовар намуданд, ки натиҷаҳои дар арсаи байналхалқӣ ба даст овардаи паралимпичиёнамон дар бозиҳои Париж – 2024 боз ҳам беҳтар мегардад.

– Дар бозиҳои паралимпӣ дар самти WT таэквондо иштирок менамоям, – гуфт Гулҷаной Наимова. – Ба ин мусобиқаи бонуфуз аз ҳар ҷиҳат тайёрии пухта дидем. Дар мамлакатамон барои мо, ҷавонон дар бобати таълиму тарбия гирифтан, мунтазам бо варзиш машғул гардидан имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Аз ин имкониятҳо оқилона истифода намуда, дар Бозиҳои паралимпӣ кўшиш менамоем, ки иродаву шуҷоат, салоҳияти ҷавонони Ўзбекистонро нишон диҳем. Инчунин, медали тиллоии Токио – 2020-ро ҳимоя намуда, ният дорам, ки чемпиони дукаратаи паралимпӣ гардам.

Дар маросими тантанавии гусел Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулло Арипов ба байрақбардорони ҳайати Ўзбекистон дар Бозиҳои паралимпии тобистонаи XVII Париж – 2024 чемпиони ҷаҳон ва қитъа оид ба паратлетика, ғолибони бозиҳои олимпӣ ва Осиё Ҳусниддин Норбеков ва Моҳигул Ҳамдамова байрақи Ўзбекистонро тантанавор супурд.

Дар маросим муовини раиси Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон, шоир Ботир Эргашев бахшида ба паравaрзишгаронамон шеъре қироат намуд, ки он ба аксарият писанд омад.

Гуфтан лозим аст, ки барои Бозиҳои паралимпии Париж – 2024 65 нафар паравaрзишгаронамон 113 литсензияро ба даст овардаанд, ки аз онҳо 29 нафар, яъне 45 фоизашон варзишгарзанон мебошанд, ки ин нишони он аст, ки дар Ўзбекистон варзиши занон дастгирӣ мегардад, духтарону занон бо тарзи фаъоли ҳаёт фаро гирифта шуда, барои мустаҳкам ҷойгир гардидани онҳо дар ҷамъият ислоҳот бурда мешавад, ки ин самараи ҳамон аст.

Ба ҳолати роҳхатҳо эътибор диҳем, ин дафъа дар Бозиҳои паралимпӣ бори аввал дар намуди тирпарронӣ варзишгарамон Шаҳноза Мамаҷонова иштирок менамояд, дар намуди паравелоспорт 2 нафар варзишгарамон дар 8 намуди велопойга иштирок менамоянд, инчунин дар бобати намудҳои параканоэ, паратаэквондо, парапауэрлифтинг ва параатлетикаи сабук ба дараҷаи рекордӣ литсензия ба даст омадааст, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ўзбекистон барои рушди ҳаракати паравaрзиш чӣ гуна эътибор дода мешавад.

Дар поёни маросими гусел раиси Идораи мусулмонони Ўзбекистон, муфтӣ Нуриддин домло Холиқназаров ба ҷамъияти васеъ, ба халқамон бо иродаву матонат, қувваи рўҳӣ намунаи ибрат гардидани паравaрзишгаронамон дар бозиҳои бонуфузи чорсола омад хоста, дуо намуд.

Ёдовар мешавем, ки маросими расмии ифтитоҳи Бозиҳои паралимпии XVII Париж – 2024 28 август баргузор мегардад.

**Ҷавоҳир ТОШХЎҶАЕВ, Тулқин РЎЗИЕВ, мухбирони ЎзА.**

*Муносибат*

# АСОСИ ҲУҚУҚИИ БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ ОРЗУЮ УМЕДИ ХАЛҚИ МО

***Ҳоло дар ҷумҳурии мо қариб 4 миллион манзил ҳуҷҷатҳои кадастрӣ надоранд. Аксарияти онҳо дар балански заминҳои обёришаванда, ки барои хоҷагии қишлоқ пешбинӣ шудаанд, мебошанд. Бо қарори дахлдори ҳокимият замин барои сохтмони манзил дода шуд, аммо ҳуҷҷати кадастрӣ тартиб дода нашудааст.***

Дар натиҷа, аксари сокинон ба манзили зисташон ҳуқуқи моликиятро гирифта натавониста сарсону саргардон мешуданд. Воқеан, дар манзилҳое, ки худсарона сохта шудаанд, ин қадар нофаҳмиҳо ва низоъҳо ба вуҷуд меоянд, ки якчанд сабаб доранд. Пеш аз ҳама, солҳои зиёд барои бо манзили арзон таъмин намудани аҳолӣ ба таври бояду шояд ҷидду ҷаҳд карда намешуд. Масъалаи дар деҳот сохтани биноҳои арзони истиқоматӣ ба эътибор гирифта нашуд.

Сарвари давлатамон дар давраи аввали президентии худ ислоҳотро аз ҳамин нуқтаи дарднок оғоз карда буд. Дар соли 2018 дар доираи чорабинии якдафъаинаи умумимиллӣ, ки бо Фармони Президент сурат гирифт, нисбат ба манзилҳои истиқоматии худсарона сохташудаи беш аз 621 ҳазор нафар шаҳрвандон ҳуқуқи моликият эътироф гардида, ба онҳо ҳуҷҷатҳои кадастр дода шуданд.

Қонуни имзокардаи Президент аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он ба ҳалли мушкилоти деринаи шаҳрвандон дар мавриди эътирофи ҳуқуқи онҳо ба қитъаҳои замин ва манзилҳои бунёдшуда, ки бо сабабҳои муайян аз қайди қонунӣ нагузаштаанд, нигаронида шудааст.

Қонуни мазкур эътирофи ҳуқуқ ба амволи ғайриманқулро пешбинӣ мекунад. Тибқи он, то 1 майи соли 2018 нисбат ба қитъаи замине, ки шаҳрвандон ҳангоми сохтани манзил худсарона ишғол намудаанд, инчунин биною иншооти дар он сохташуда ҳуқуқи моликият эътироф карда мешаванд. То ин вақт ба қитъаи замине, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо зиёда аз майдони дар ҳуҷҷат нишондодашуда ишғол кардаанд, инчунин ба биною иншооте, ки дар он сохта шудаанд, ҳуқуқи амволи ғайриманқул дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки қонуни мазкур ҳамчунин ба амволи ғайриманқул (зиёда аз 126 ҳазор адад) қитъаи замин ва бинову иншооти дар он сохташуда дар доираи «аксияи якваққа» ҳуқуқи моликиятро медиҳад.

Қобили зикр аст, ки бо ин ҳуҷҷат шахсоне, ки дар доираи маъракаи якваққтаи давлатӣ маблағи якваққтаро пурра пардохт кардаанд ва маъюбони гурўҳҳои I ва II ҳастанд, озод карда мешаванд. Инчунин, аз шахсоне, ки ба системаи иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» дохил карда шудаанд, ба андозаи 50 фоизи маблағи дар қисми якуми моддаи 23 қонун зикргардида маблағи якваққта ситонида мешавад.

Як қатор навигариҳо дар қонуни таърихӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, агар ҳуқуқи иҷора ба қитъаи замине, ки дар он ба тартиби инфиродӣ хона сохта шудааст, то 1 июли соли 1998 гирифта шуда бошад, он дар тамоми ҳудудҳо 0,24 гектарро ташкил медиҳад, агар он аз 1 июли соли 1998 то 1 майи соли 2018 гирифта шуда бошад, дар шаҳрҳои Тошканд, Нукус ва марказҳои вилоят 0,06 гектар, ҳудудҳои боқимонда бошад, дар ҳаҷми на беш аз 0,12 гектар муайян карда мешавад.

Агар масоҳати воқеии қитъаи замини ишғолкардаи манзили инфиродӣ аз ҳаҷми зикргардида зиёд бошад, ҳуқуқи иҷора барои пешбурди наздиҳавлӣ ё хоҷагии деҳқонӣ дар қисми зиёдатии ишғолшудаи қитъаи замин эътироф карда мешавад, ки боз як навигарии муҳим гардид.

Мутобиқи қонун дар асоси ҷадвали солона қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва бинову иншооти дар онҳо сохташуда марҳила ба марҳила инвентаризатсия карда мешавад. Нақшаи ҷадвал бинобар пешниҳоди Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, аз ҷониби агентии кадастр тасдиқ карда, ба ҷомеа эълон карда мешавад.

Мақсади асосии қонуни мазкур танзими муносибатҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқ ба қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва биною иншооти дар онҳо сохташуда мебошад. Вақте ки матни ҳуҷҷатро бодиққат мутолиа мекунед, мебинед, ки дар он хоҳиш, орзую умед ва мақсадҳои ҳамватанони мо ифода ёфтааст.

Аз ҷумла, бо ин ҳуҷҷат тартиби мушаххаси эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин ва биное, ки дар он сохта шудааст, инчунин ҳуқуқи иҷораи қитъаи замини худсарона ишғолшуда, ки дар он манзили хусусӣ сохта шудааст, муайян карда шудааст. Асосҳои қонунии эътирофи ҳуқуқи иҷора ба қитъаи замини аз ҳад зиёд ишғолкардаи шаҳрвандон, қитъаи замини ишғолкардаи манзил дар ҳудуди ширкатҳои боғу токпарварӣ муайян карда шуданд.

Аз ин рў, ин қонунро тамоми мардуми мо, соҳибкорон ва мулкдорони мо гарму ҷўшон истиқбол мекунанд. Сабаб дар он аст, ки чунин хабар адолати таърихиеро, ки соҳибкорони мо солҳои зиёд интизор буданд, амалӣ хоҳад кард. Ба ибораи дигар гўем, дар истеҳсолот марҳалаи нав дари имкониятҳои навро мекушояд. Ба шарофати ин садҳо ҳазор оилаҳо баракат пайдо карда, садҳо ҳазор ҷойҳои нави кор кушода, сатҳи камбизоатӣ паст мешавад.

Бе муболиға метавон гуфт, ки қонуни мазкур ҳамчун ифодаи амалии ташаббусҳои Сарвари давлатамон ба рўҳияи мардум таъсири мусбат мерасонад. Шаҳрвандони мо бо хушҳолӣ эътироф мекунанд, ки ин қонун ҳуҷҷати нодир аст ва навгониҳои дар он инъикосшуда ба манфиати аҳолӣ нигаронида шудаанд. Онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои деринаи худ аз Президент ва мамлакати мо миннатдоранд.

Боварӣ дорам, ки ин санади таърихӣ барои ҳалли одилонаи мушкилоти иҷтимоӣ, ки солҳо боз шаҳрвандони моро ба ташвиш овардааст, заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, боварии мардумро ба сиёсати оқилонае, ки дар кишварамон амалӣ мешавад, мустаҳкам хоҳад кард.

**Одинахон ОТАХОНОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

**Ба пешвози 100-солагии«Овози тоҷик»**

# ҶАШН МУБОРАК, «ОВОЗ»-И ҚАДРДОН!



Таърихи диёри мо бо ҳаёти халқҳои гуногун, ки дар ин ҷо умр ба сар мебаранд, хеле ғанӣ аст. Бахусус, тоҷикон, ки таърихашон дар ин сарзамин ташаккул ёфтааст, дар рушду равнақи он нақши муҳим доранд. Роҳи тайнамуда ва хидматҳои рўзномаи «Овози тоҷик», ки ҳоло садсолагии хешро ҷашн мегирад, мисоли равшани ин ақида мебошад.

Имрўз низ соҳиби мавқеи хоси худ будани он дар ҷамъият зуҳуроти таҳкими дўстии халқҳои тоҷику ўзбек мебошад. Агар ба таърихи нашрияҳо назар афканем, гувоҳи он мешавем, ки газетаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла, «Овози тоҷик» низ дар роҳи озодии маънавӣ, маърифатии халқ фаъол будааст. Самтҳои асосии рўзномаҳои тоҷикие, ки аз ибтидои асри XX ба забони тоҷикӣ нашр мегардиданд, аз ҷумла «Овози тоҷики камбағал», ки соли 1924 бо сарварии А.Қурбӣ рўйи чопро дид, бо ғояҳои ҷадидӣ пайвастагии қавӣ дошт. Аз ин бармеояд, ки ҳамдиёрони тоҷики мо, инчунин рўзномаи онҳо, чӣ дар гузашта, ки марзи расмии Ўзбекистон расман ташаккул ёфтааст ва чӣ дар даврони истиқлолият барои рушду равнақи Ватан фаъол будааст.

Дар солҳои истиқлол мазмун ва қиёфаи рўзномаи «Овози тоҷик» тағйир ёфт. Пеш аз ҳама ба он номи аввалааш баргардонда шуд. Рўзнома ба номи пурмаъної таърихиаш баргашт. Аз номҳое, ки дар давраҳои гузашта бо талаби сиёсати он замон гузошта мешуд, даст кашид. Ба овози Ўзбекистони мустақил, ба овози ҳақиқии тоҷик баргашт. Аз аввали солҳои истиқлол ба сифати нашрияи меҳанпарвару ватандўст шинохта шуд, ки то имрўз хоси ин таъриф аст.

Аз он ифтихор дорем, ки нафақат мушоҳидакори рўзномаи Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон — «Овози тоҷик» ҳастем, балки мо бо ин рўзнома дар роҳи як мақсад фаъолият низ мебарем. Ғояҳои мо оиди самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, маданиву маърифатӣ ва сиёсии мамлакатамон як хел буда, нашрияи ҳамқадам ҳастем, ки дар ин манзилу макони муштарак қарор дошта, дар ҳамфикрӣ фаъолият мебарем.

Аҳли ҷамоаи заҳматписанд, фидоӣ ва барои ҳамаамон азизу муҳтарами «Овози тоҷик»!

Садсолагии нашрия ба шумо муборак бошад! Хоҳишманди онем, ки ин овози пояндадори рўзнома дар асрҳои оянда низ садо диҳаду бо рўҳияи баланд дар хидмати мардум бошад!

**Чорӣ ЛАТИПОВ,**
**сармуҳаррири рўзномаи «Қишлоқ ҳаёти», Журналисти хидматнишондодаи Ўзбекистон.**

# «ДАР РАВШАНИИ ЧАРОҒИ КЕРОСИНӢ РЎЗНОМА МЕХОНДАМ,

***– мегўяд момои Сафаргули 81-сола***

Ҳангоми дар курси аввали факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омўзгории Самарқанд таҳсил карданам, дар саҳифаи рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» лавҳаи хурдакакам бо номи «Табрик менамоем» дар бораи доктори илми филология, профессор, муаллифи китоби »Забони модарӣ»-и синфҳои якуму дуюм Воҳид Асрорӣ, ки 70-сола шуда буд, рўйи чопро дид. Нашри мақола манро ба «Ҳақиқати Ўзбекистон» дилгармтар ва минбаъд барои навиштани мақолаҳоям ангеза бахшид. Аз он рўз инҷониб, зиёда аз чиҳил сол ба ин рўзномаи дўстдоштаам дар тамос ҳастам. Солҳои адои хизмати ҳарбӣ дар сарзамини Афғонистон (1984-1986) аз пайвандонам хоҳиш мекардам, баъзе шумораҳои рўзномаро ба ман фиристонанд. Моҳи феврали соли 1986 мақолаам бо номи »Ашки шодӣ» зери рубрикаи «Мактуб аз Афғонистон», ки дар он оид ба ёрии тиббӣ ба халқи ҷафокаши афғон, сипосгузории онҳо ба табибони шўравӣ акс меёфт, дар саҳифаи рўзнома чоп шуда буд.

Дар он солҳо рўзнома қариб ҳар рўз нашр мешуд. Ҳар як хонадон ба он обуна шуда, пиру барно мутолиа мекард.

– Нисфи умрам дар дашту кўҳсор гузашт,– ба хотир меоварад момои Сафаргули 81 сола,– падари бачаҳо чўпон буд, моли давлатро парвариш мекард. Вақти ба деҳа баромаданаш аз ў хоҳиш мекардам, дар қатори маводи рўзгор шумораҳои «Ҳақиқати Ўзбекистон»-ро низ биёрад. Баъди саранҷоми корҳои рўзгор ва хобидани бачаҳо дар равшании чароғи керосинӣ рўзномаро варақгардон карда, мутолиа менамудам.

Гуфтан ҷоиз аст, ки имрўз низ момои Сафаргул барин куҳансолон бар акси ҷавонон китоб мехонанд, рўзнома мутолиа мекунанд...

Яке аз ташкилотҳои бонуфуз барои овардани маҷаллаву рўзномаҳо ва дастрас кардани онҳо ба муштариён хидмати почта (шуъбаи алоқа) мебошад.

Бино ба маълумоти омўзгори бознишаста, собиқ мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик» Абдуназари Набӣ дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато хидмати почта аз солҳои 30-юми асри гузашта фаъолият оғоз намудааст. Аввалин хаткашон дар деҳа Бобои Собир ном шахс буд, ки фарсаххо роҳро гоҳ савори хару гоҳе пиёда тай намуда, ба маркази ноҳия (он вақт Фориши Самарқанд) мерафт ва рўзномаву маҷаллаҳоро дастраси муштариён менамуд. Ифтихор дошт, ки бо ин хидматаш дар ҷаҳонбинии ҳамдеҳагонаш ҳиссагузор аст. Минбаъд Орзумурод Халилов, Шариф Расулов, Аҳмад Нурназаров, Назар Раҳмонов ва Сафарбой Амонов ин хизмати пуршарафро дар уҳда доштанд.

Имрўз, ки интернет ба таври афсонавӣ ривоҷ меёбаду мардум навгониҳоро аз саҳифаҳои он мутолиа ва тамошо мекунад, хидмати шуъбаи алоқа аҳамияташро гум накардааст. Мудири кунунии шуъбаи алоқаи деҳа Тоҷиддин Амонов дар дастрас кардани рўзномаву маҷаллаҳо ҳиссагузор аст. Тарғибгари обуна ба рўзномаҳо, бахусус «Овози тоҷик», ба ҳисоб меравад.

«Овози тоҷик», ки бемуҳобот аз падарони матбуоти Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад, садсола хоҳад шуд. Аз мардуми миллатдўсту маърифатпарвари диёрамон хоҳиш менамудем, барои рушду ривоҷ ва пойдории рўзномаи дўстдоштаамон саҳмгузор бошанд, зеро ба гуфтаи аллома Айнӣ: «Рўзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавме, ки рўзнома надорад, гўё, ки забон надорад».

**Элмурод РЎЗИЕВ,**
**Аълочии таълими халқи Ўзбекистон.**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев бо имзои қарор «Дар бораи суръат бахшидан ба тадбирҳо оид ба ислоҳоти соҳаи гидроэнергетика» аз 12 июли соли равон Барномаи панҷсолаи рушди соҳаи гидроэнергетика то соли 2028-ро муайян намуд.***

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲО ЭҲТИЁҶОТ БА БАРҚРО ДУ БАРОБАР КАМ ХОҲАД КАРД

Ин бар он маъно мебошад, ки раванди рушди соҳаи гидроэнергетика куллан тағйир дода мешавад, иқтидори мавҷудаи 2 ҳазору 228 МВт қариб 2,5 баробар афзоиш дода мешавад, ки дар маҷмўъ он 5 ҳазору 508 МВт-ро ташкил мекунад. Инчунин ҳаҷми солонаи истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаи қувваи барқ ба 15,7 миллиард киловатт-соат мерасад.

Иҷрои ин корҳои бузург бидуни маблағи кофӣ имконнопазир аст, аз ин лиҳоз барои бунёди ин лоиҳаҳо 6,5 миллиард доллар сармояи сармоягузорӣ ҷалб карда хоҳад шуд. Дар натиҷаи ба амал баровардани барнома шумораи неругоҳҳои барқи обии дохилии тахти тасарруфи «Ўзбекгидроэнерго» ду баробар, яъне 120 адад афзуда, 3 ҳазор ҷои нави кор фароҳам оварда мешавад. Дар ин миён 4,2 миллиард метри мукааб гази табиӣ сарфа мегардад.

Тибқи барномаи панҷсола тадбирҳо оид ба баланд бардоштани иқтидори ҳаҷми неруи барқ барои ҳар сол барномарезӣ шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2025 бар ивази 430 миллион доллари амрикоӣ дар 12 минтақа 16 неругоҳи барқи обии дорои иқтидори умумиаш 203 МВт, аз ин шумор 10 неругоҳи барқи обии омода бо иқтидори умумии 197,9 МВт ва 6 НБО бо иқтидори 5,1 МВт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешаванд. Дар натиҷа ба таври илова 900 миллион киловатт-соат кувваи барқ истеҳсол гардида, 375 ҳазор хонавода бо неруи барқ таъмин мегарданд.

Ба тараққиёти саноати гидроэнергетикии ҷаҳон назар андозем, ҷумҳурии мо нисбат ба дараҷаи истифодабарии иқтидорҳои гидроэнергетикӣ аз ҷиҳати шумораи неругоҳҳои барқи обии дар зарфи як сол ба кор андохташаванда ва бунёдшаванда дар ҷои аввал меистад.

Ногуфта намонад, ки мутобиқи Барномае, ки дар асоси қарори зикргардидаи сарвари давлат тасдиқ шудааст, дар соли оянда 17 лоиҳаи неругоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 2 ҳазору 204 МВт ба марҳилаи фаъол гузаронида мешавад.

Барои ҳамин то охири соли равон дар доираи 9 лоиҳаи иқтидори умумиаш 449 МВт оид ба ҷалби қарзҳои хориҷӣ бар асоси кафолати давлатӣ бо ташкилотҳои молиявӣ созишномаҳо ба имзо расида, ба марҳилаи фаъол гузаронида мешаванд. Дар соли ҷорӣ 4 неругоҳи бузурги ГТЭС бо иқтидори умумии 1 ҳазору 600 МВт, тавлиди нерўи барқи 2,8 миллиард кВт/соат, арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард доллари амрикоӣ таҳия шуда, аз соли 2025 бо сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати имзои созишномаҳо гуфтушунидҳо баргузор хоҳанд шуд. Асосҳои иқтисодӣ-фаннии ин неругоҳҳо аз ҷониби ширкатҳои русӣ ва чинӣ (China Southern Power Grid International) тарҳрезӣ мешаванд, ки таҷрибаи баланди чандинсола дар бобати тарҳрезӣ ва сохтани чунин иншоотро ба даст овардаанд.



*Ба мақсади омодагирӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 дар НБГ-и Сирдарё корҳо тибқи нақша ба роҳ монда шудаанд. Аз ҷумла, дар хатти ЛМ-2 сохтори тақсимкунии нерўяш 220 кВ, ки тобеи сехи электрии корхона мебошад, корҳои таъмир дар арафаи анҷомёбианд.*

*Ҳамчунин, дар қисмҳои ҳавогузаронии истгоҳ низ камбудиву нуқсонҳо бартараф карда мешаванд.*

*Баъди ба анҷом расидани корҳо дар истгоҳи мазкур сифати бо энергияи барқӣ таъминкунии истеъмолгарон беҳ мегардад.*

***Дар акс:** рафти корҳои омодагирӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон.*

Бунёди ин неругоҳҳо дар Қорақалпоқистон, вилоятҳои Ҷиззах ва Тошканд пешбинӣ шудааст, зеро дар ин минтақаҳои кишвар эҳтиёҷ нисбат ба нерўи барқ хеле зиёд эҳсос мегардад. Неругоҳҳои бунёдшаванда хеле самаранок мебошанд. Дарвоқеъ, дар кишварҳои пешрафта истгоҳҳои зиёди ГТЭС сохта шудаанд ва ин раванд босуръат идома дорад. Мутахассисон ин гуна неругоҳҳоро иншооти асосии тавлидкунандаи нерўи барқ ва дар нигоҳ доштани мувозинати системаи энергетикӣ хеле муҳим арзёбӣ мекунанд.

Дар айни ҳол масъалаи маҳалликунонӣ дар соҳаи гидроэнергетика низ омили муҳим мебошад. Албатта, барои сохтмони истгоҳҳои барқи обӣ пеш аз ҳама таҷҳизоти ҳозиразамон талаб карда мешавад. То имрўз дар доираи лоиҳаҳо чунин асбобу таҷҳизоти ба замон мувофиқ ворид карда мешаванд. Ҳамакнун ба мақсади коҳиш додани ҳаҷми воридот аз ҳисоби маҳаллисозӣ ва рушди кооператсияи саноатӣ дар соли 2025 як корхонаи замонавӣ бо иқтидори истеҳсоли агрегатҳои ҳаҷмашон то 40 МВт ва дар Осиёи Марказӣ ягона сохтаву ба истифода дода мешавад.

Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа низ яке аз омилҳои асосии рушди минбаъдаи гидроэнергетика маҳсуб меёбад. Дар ин росто, дар навбати аввал ҳудуди 50 нафар конструктор, муҳандисон ва технологҳои баландихтисос аз як ширкати пешрафтаи чиноии дорои таҷрибааш баланд ба кор ҷалб гардида, мутахассисони маҳаллӣ бевосита дар раванди истеҳсолот аз онҳо таълим мегиранд. Дар марҳилаи аввал кормандони «Ўзбекгидроэнерго» дар Чин таҳсил намуда, таҷрибаашон афзоиш медиҳанд.

Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаҳои ояндадори зикршуда боиси равшании садҳо ҳазор хонаводаро таъмин мекунад, эҳтиёҷоти табақаи васеъро нисбат ба неруи барқ коҳиш медиҳад, инчунин барои бисёр субъектҳои соҳибкорӣ ҷойҳои нави кор фароҳам меоварад ва ҳаёт боз ҳам шукуфотару зиндагӣ фаровонтар мегардад.

**Ҳулкар ҶЎРАЕВА,**
**сармутахассиси бахши матбуоти ҶС «Ўзбекгидроэнерго».**

### *ХАБАРҲО*

## ВОХЎРӢ БО БОНУВОНИ СОҲИБКОР

***Бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Намангон заноне, ки бо соҳибкорӣ машғуланд ё ки фаъолияти соҳибкориро нав сар кардаанд ва ба ин соҳа шавқу ҳавас доранд, вохўрӣ баргузор гардид.***

Дар он ҷонишини ҳокими вилоят Динара Ёқубова, роҳбарони корхонаҳои хусусӣ, соҳибкорони фаъол, вакилони бонк ва намояндагони воситаи ахбори оммавӣ иштирок доштанд.

Масъулон дар хусуси имконият ва шароитҳое, ки барои занону духтарон дода шудааст, сухан карда, таклиф ва тавсияҳо доданд. Иштироккунандагон барои ривоҷ додани кор дар масъалаи субсидия, кредит, таъминоти ҷойи корӣ, имтиёзҳои гумрук ва андоз аз мутахассисони соҳа ҷавоб гирифтанд.

Дар чорабинӣ соҳибкорони маҳаллӣ маҳсулоти истеҳсоли худро пешкаш намуданд. Ба бонувоне, ки ҳаракати ташкилкунии соҳибкориро доранд, аз тарафи мутахассисон лоиҳаи тиҷоратӣ, маслиҳатҳои лозимӣ дода шуд. Якчанд тадбиркорзанони фаъол аз ҷониби ташкилотчиён бо тўҳфаҳо рағбатонида шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

## БАРНОМАРЕЗИИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ, Маркази ҷумҳуриявии санъати ҳаҷвнигорӣ ва аскияи ба номи Юсуфҷон қизиқ Шакарҷонов, Донишгоҳи давлатии Фарғона ва Донишгоҳи давлатии маданият ва санъати Ўзбекистон моҳи октябри соли 2024 Анҷумани байналхалқии илмӣ-амалиро таҳти мавзўи «Аҳамияти ҳаҷвнигорӣ ва аскияи миллии ўзбек дар инкишофи маънавии ҷомеа» баргузор менамоянд.***

Дар он масъалаҳои «Чашмандозии ҷаҳониён ба мероси ғайримодиву маданӣи Ўзбекистон», «Рушди аскиягўӣ ва санъати ҳаҷвнигории миллӣ», «Аҳамияти фолклор дар омўзиши мероси миллию маданӣ», «Решаҳои таърихии анъанаҳои устоду шогирд дар аския» ва «Меъёрҳои ташаккули маънавиёт дар низоми арзишҳои миллӣ» баррасӣ мегарданд.

**Фархундаи РАВШАНЗОД,**
*шаҳри ФАРҒОНА*

***Шукур ХОЛМИРЗОЕВ***

# ТИНАТИ ЎЗБЕК

*(Ҳикоя)*

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Ҳамин тавр, бо Абдуқодир ошно шудем.

Дар як бинои кўҳнаи оғўши тутзор духтаронамон меистоданд. Аз онҳо низ ду нафар бемор шудаанд. Духтур омад. Маро низ аз назар гузаронида, аз ҳамон аналгину паналгинҳо дод. Се рўз лоҳис хоб кардам.

Ба фикрам, рўзи чорум буд, ки ба айвон баромадам ва дидам, ки Ботур чўпон як тарбуз дар бағал сарпоён рафт. Ҳамон рўз баъди пешин ҳаво кушода шуда, рўз гарм шуд.

Қарибии бегоҳ боз хонаро ҷорўб задам ва баъд... дар таки сутун дикак менишастам, ки Абдуқодир аз пастхамӣ ним палла тарбузро бардошта, нафаспечон ба ҷонибу ман омад.

Худаш як тарбуз дар бағал фаромада буд.

– Барои шумо. Хўред, – гуфт. – Падарам доданд. Модарам гуфтанд, ки бояд бихўред... Пас, бегоҳӣ ба хонаамон медаромадед.

– Намехўрам. Раҳмат. Шикамам сер, – гуфтам.

– Не, мехўред! – гуфт вай гўё бо ман ҷанг мекарда бошад. – Шумо бемор. Ин тарбузи давоӣ будааст.

– Намехўрам.

Абдуқодир истод-истоду тарбузро шартӣ рўйи замин гузошта, тозон фаромада рафт.

Бачаҳо аз саҳро баргаштан пас Ботур чўпон ба шаббоши мо омада, ҳамаро ба хонааш даъват намуд:

– Биёетон, укоҷонҳо. Як оши ҷонон пухта истодаем. Ба шумоён раҳмат. Дар ин ҷо падару модар надоред...

– О, дар хонаатон намеғунҷем?

– Дил васеъ бошад, бемалол меғунҷем, – гуфт чўпон. – Фароетон.

– Охир, мо бист касем!

– Ин хел бошад, йигитҳо, даҳ нафарамон имрўз ва даҳ нафари дигар дафъаи оянда меҳмон мешавем, – гуфт акои Ўрмон.

Маро ба ҳолу ҷонам нагузошта, бо худ бурданд.

Хонае буд, ки чор кас базўр ҷой мешуд. Дар як гўша бухории хиштин меистод. Бо сафед рангмол шудааст. Аммо доғи чой ва равған намудор аст. Ба замин ду қабат палос густардаанд. Дар пешгаҳ як тах бор. Кўрпачаҳои бараш танге паҳн карда шудаанд. Ғунча шуда нишастем.

Ботур чўпон табассум дар лаб, хеле хурсанд дасторхон паҳн кард. Ҷуфт-ҷуфт нони танўрӣ гузошт. Як тақсимча қанди сафедро рўйи дасторхон пошид. Баъд ду каф санҷиту мавиз ҳам... Сипас, ба як хумчойник чой дам кард, чойи кабуд.

Ду табақ ош дар як дам нест шуд. Пас чойнўшӣ оғоз ёфт. Ман... намедонистам, ки чӣ хел шинам. Гўё бемории рафънашудаву инҷиқиҳои ман сабаб буданд... Аммо ба як луқма нон хўрдан истиҳола мекардам.

Ин як оилаи камбағал буд.

– Мавсими пахта ҳам охир шудан дорад... Хуб, ин чӣ хел зиндагист? – гуфт Ўрмонако. – Мегўям, ки ҷамъ мекунетон-а? Ҳа-ҳа-ҳа! Одати ўзбек ҳамин-дия: танҳо бачаам шавад мегўяд...

– Ҳа, падарони мо ҳам чунин кардаанд, – гуфт Ботур чўпон. – Ба ҳамин апаатон хонадор намуданд. Аз пеши мардум гузаштем. Тўй, албатта, ба худ хароҷот дорад...

– Лекин моро фиреб медиҳанд, чўпонако. Пули меҳнати якрўзаамон хараҷоти хўрду хўрокро намепўшонад. Ба як кило пахта даҳ тин ҳақ медиҳанд. Ҳоло даҳ кило чидан аз марг ҳам душвортар аст.

– Хайр, акнун чӣ кор мекунем? Тоқат мекунем-дия, бародарҷон. Пахтаи худамон, ҳукумати худамон.

– Ҳаҳ, асло ба фаҳми ин корҳо намеравам!

Бонуи хонадон маро назора мекардааст.

– Ҳамин додарамон ҳеҷ чиз начашид, – гуфт. – Ё моро писанд намекунанд?

– Э, барои чӣ... – ба рўям сурхӣ давид. – Худам ҳамин хел...

– Иштиҳо надорад, – гуфт акои Ўрмон. – Набошад, одам аз хўрок ҳам рў мегардонад?!

– Ҳа, каме иштиҳо надорам... – гуфтам.

Зудтар аз ин кулба бадар рафтан мехостам. Суханҳои акои Ўрмон, пурсуҷўйҳои вай ба дилам зада буд... Чӣ? Эҳ, қадрдон, наход маро намефаҳмад гуфта фикр кунед? Ҳа-ҳа! Акои Ўрмонҷон ҳам ба таври худ ҳақ буд... Тарафи дигари масъала ҳам ҳаст: мо худ низ бо шиками сер зиндагӣ намекардем. Яке ним кило қанд оварда бошад, дуюмӣ медуздид, ҳатто гўшти дар косаи кадомие бударо нафари дигар мерабуд... Ба гуфтан забон намеравад. Дарун-дарун дуд мекунад кас.

Набошад, чӣ кор бояд бикунам? Дам ба дам даст дароз кардан бигирам? Монед ин гапҳоро.

Бародар, шумо низ дар он шароит аз ман дида зиёттар рафтор намекардед!

Бо ҳамин ба хонаи онҳо дигар надаромадам. Чўпон гап мезад, завҷааш мегуфт, писараш ҷеғ мезад. «Хуб» мегўям, аммо ба таъвиқ меандозам.

Бачаҳое, ки ҳар рўз ба кулбаи онҳо сар халонда ва дасторхони онҳоро хушк мекарданд, ба чашми ман бад мерасиданд. Оҳиста-оҳиста аз эшон низ доман буридам.

Дар ин миён, воқеае рўй дод, ки шумо дар тасаввураш оҷиз ҳастед.

Борон дурудароз ба боридан оғоз кард. Ду рўз бе ғизо мондем. Бе ин ҳам аксари бачаҳо қарздор шуда буданд.

Оҳиста-оҳиста сафирони мо ба кўчаҳои деҳа одати рафтуомад пайдо карданд: шабона даҳ-понздаҳ адад тарбузу харбуза бардошта меоварданд. Пагоҳӣ дар ситоди (штаб) пахта ҷанҷол мехест: кадоме аз аҳли деҳ шикоят меоварад, ки ба ҳавлиаш дузд даромадааст...

Ана, ба дуздӣ ҳам одат мекардем.

Аммо аз ҳама дуздии калон... Шабона шамоли сахте хест. Як замон дари хобгоҳи мо нолон кушода шуда, дами он Ботур чўпони мондаву абгор намудор гашт.

– Молҳо баромадаву гурехтаанд! Дасти ёрӣ лозим! Бузу гўсфандон аз чӣ рам хўрдаанд? – нафаҳмидам.

Дар қатори дигарон ба кофтани молҳо баромадем. Дар кўчаҳои деҳа саг бисёр аст. Шояд гург шабохун зада бошад? Борон бошад, чун аз сатил мерехт... Хеле-хеле кофтем. Аз гашту гузор монда шуда, як қисми гўсфандонро аз пахтазор, панҷ-шаш сарашонро аз кўча, хонадони мардум... ёфтем.

Чўпон дар дами дар чароғаки дастиро равшан намуда, бо чашмони пурҷило меистод. Раҳмат мегуфт ў. Зан арзи сипос мекард. Писарчааш хурсанд... Аммо як баррача пайдо нашуда буд.

– Вайро худам меёбам. Шумо дам гиред акнун... Агар ёфтам, яке аз ду гўсфанди худро кушта, гўшташро бирён карда ба шумо медиҳам, – гуфт Ботур чўпон.

– Ҳамин хел кунед-е, ако! Як аз гўшт сер шавем, – гуфт Ўрмонако.

Мо ба хобгоҳ баргаштем. Акнун... дубора биниам маҳкам шуд гўям, ғаши шумо ҳам меояд. Майлаш, ин хел мегўям: ҳамон шаб панҷ-шаш бачаи дигар ҳам сахт шамол кашидаанд.

Соат тахмин ду ё се будааст, ки нафасам гашта, ногоҳ бедор шудам. Дар нимкоф, ғуввосзанон шамол медаромад. Аз такаш кашидам, боз кушода шуд. Тоб партофта бошад, ё чӣ балое! Аз ҷой баланд шуда, аз дастааш дошта будам, ки касе ба он тараф кашид. Ман ба ин тараф. Тарсидам. Баъд дарро сар дода будам, ки тамоман кушода шуд. Азимҷонако намудор гардид.

– Э-э! Ин тараф биё. Пўш ягон чизатро, – гуфт ў.

Ҷомаро ба китф андохта, ба айвон бароям, акои Ўрмон ва Мирзоғолиб ном паҳлавонбача низ он ҷо меистоданд.

Синни Мирзоғолиб ҳам аз ман бузург аст, «Раис» ном лақаб дорад, худ хеле эҳтиёткор, «чиҳилпой медарояд» гуфта, шабонаҳо ба гўшаш пунба хаста мемонад.

Акои Азимҷон дарро маҳкам карда:

– Рафтем. Гап ҳаст. Кори нашуданӣ шуд... Туи пешонашўр ҳам як мазза бикун, – гуфт.

– Лекин чусту чолок амал бояд кард, – гуфт акои Ўрмон.

Ба онҳо пайваста, таноби роҳ кашидам. Акои Ўрмонҷон пеш даромад. Борон мондааст, аммо чун нишонаи рўзҳои хунук шамол мевазид. Вай бари ҷомаҳоро мекушод ва худро ба оғўши мо мезад. Акнун овози сагон низ парида буд.

Мо аз бари роҳ ба ҷониби деҳа, ҳамон тараф, ки моро аз шаҳр оварда буданд, мерафтем.

Хеле роҳ рафтем. Димоғам ҳам гўё хеле кушода шуд. Як-ду маротиба:

– Куҷо меравем? – гуфта пурсидам.

Онҳо нашуниданд. Баъд... хурсанд шудам... ҳа, дар шаби торик аз пайи кадомин коре махфӣ ба куҷоҳое рафтан ҳам ба худ завқе дорад!

Эҳҳа... деҳа дар қафо монд... Ҳамон дар аввали ҳикоят гуфтаам: гўё ғешазоронашро қабза-қабза корида бошанд, ба сари ҳамон замини аҷириқзор омадем. Дар ин тарафҳо ду-се саг вохўрд, аммо гурехта рафтанд.

Мо аз қафои Ўромонҷонако рафта истодаем. Қамишҳои баъзе ҷойҳо сўзонда шудаанд: бўйи хокистари намкашида ба машом расид. Замини нам дар таки пой ғиж-ғиж садо мебаровард. Алқисса, ба ҷое расидем, ки қамишҳо қади одам рўйида ва ҷангалро мемонданд. Ногоҳ маъоси оҷизонаи баррача ба гўшам расид. Ҳоло дар куҷову мурод аз ин сафар чист? – намедонистам. Оқибат, аз миёни қамишзорон роҳ гирифтем ва Ўрмонҷонако чароғаки дастиашро даргиронд. Пас аз як лаҳза чор паҳлавон ба сари баррачаи пойҳояш маҳкам баставу ба шикам хоб ва тамоман тару чашмонаш мил-мил дурахшон... рост меистодем.

– Хайрият, – гуфт акои Ўрмонҷон. – Ман аз сагҳои бесоҳиб тарсида будам... Эргашбой, чорворо хуб медонӣ, саг ҳам ба ҷони баррачаҳо қасд мекунад-а?

– Ҳамин хел воқеаҳо ҳам мешавад, – гуфтам. – Лекин ин баррачаи кист?

– Азони мо... Акнун азони мо. Мирзоғолиб, сар кунед! Мана, корди ман тезтар. Лекин ба устухон назанед.

Хеле сода будаам.

– Ваҳ, ҳаминро мекушетон? – гуфтаам.

– Рав. Ҳо аз он ҷо ба роҳ нигоҳ карда исто!

– Не, охир ин аз они кист? Шояд аз они колхоз, балки... Э? Баррачаи гумшудаи Ботурако нест?

– Оббо, ба ту чӣ гуфта истодаам! – гуфта Ўрмонҷонако аз китфонам даст гирифта, ба қафо гардонд. – Рав акнун! Дидем ҷонибдори колхозро! Колхоз... Бар падараш лаънат! Моро аз гуруснагӣ мекушад! Ботур ҳам аз як баррачааш ҷудо шавад, аз гуруснагӣ намемурад!

– Охир, инсофатон...

Бо ҳамин суханҳо ин ҷавонон магар тарбият меёфтанд? Не! Ман ҳамон дам нафрат варзидаву аз ночорӣ фиғон мекашидам.

Дуруст, ба ҷониби деҳа як-ду қадам гузоштам. Лекин хаёлам, аз танҳо мондан дар байни шарикдарсон тарсидам.

Ба ҷуз ин, сареҳ ба умқаш нарафта бошам ҳам, андаке мефаҳмидам, ки ин ҷавонон аз серӣ ба ин амал даст назада истода буданд, аммо ин андешаи ман дар тақвияти амали онҳо ба андозаи арзан асосе шуда наметавонад. Ин танҳо маънои тасаллии дилро дошт, шояд худфиребӣ буд – интихобан яке аз ҳаминҳо.

**(Давом дорад).**

**Аз ўзбекӣ тарҷумаи озоди Шариф ХАЛИЛ.**

Қаҳрамонони Бозиҳои олимпии Париж-2024

# АБДУМАЛИК ХАЛЛОҚОВ – БАҲОДУРПИСАРИ БУХОРО

***Бевақтии шаби 10-августи соли ҷорӣ маҷмӯи «Пои Калон»-и шаҳри Бухоро намои идона дошт. Байни мадрасаи «Мири Араб» ва «Масҷиди Калон», наздикии «Манораи Калон» экрани калон гузошта шуда, рӯ ба рӯйи он барои мухлисон – наздикони муштзани бомаҳорати Бухорои Шариф Абдумалик Халлоқов аз курсиҳои қатор тамошогоҳ омода гардидааст.***

Маълум аст, ки муштзани баумеди бухороӣ дар дастаи яккачини олимпии Ўзбекистон дар тоифаи вазни 57 килограмм рақибони худ Небия Иброҳим (Шветсия), Хосе Килес Братанс (Испания), Чарли Сениор (Австралия)-ро пасу пеш мағлуб сохта, ба финал баромада буд. Ҳоло бошад, ҳама интизори муҳорибаи финалии байни Абдумалик Халлоқов ва муштзани Қирғизистон Мунарбек Сайидбек ўғли, ки соати 00.30 оғоз меёбад, мебошанд.

Ниҳоят бо сардории ҳокими вилоят Ботир Зарифов намояндагони ҷамоатҳо, падару модар ва ҳамгузарони чемпион, ҳамшаҳриён ба мақсади дастгирӣ кардани варзишгари номбардори диёр ин ҷо ташриф оварданд. Садои занг ҳамаро ба тамошои муҳориба ҷалб кард. Ду давраи қувваозмоӣ ба ҳисоби 5:0 ба фоидаи варзишгари бухороӣ ҳал шуд. Дар давраи сеюм низ Абдумалик болодастӣ кард. Шодию хурсандии ҳамшаҳриён ҳадду канор надошт.

Ҳамин тариқ, ба шарафи муштзани Бухоро бори ҳафтум Мадҳияи давлатии Ўзбекистон танин андохта, Байрақи давлатамон парафшон шуд. Он гоҳ баробари пайкари болои варзишгари тавонои худ қади маҷмӯи Манораи калон, мадрасаҳои гирду атрофи шаҳри куҳан низ гўё аз ҳарвақта дида ба назар баландтар метофт.

Варзишгари шоиста А. Халлоқов дар Бозиҳои тобистонаи олимпии XXXIII бори аввал сазовори номи баланди чемпиони олимпиада гардида, ба дастаи яккачини олимпии Ўзбекистон ҳафтумин медали тиллоро барои ҷумҳурӣ дастрас кард.

Абдумалик ҳанӯз ҷавон аст. Вай 9 апрели соли 2000 дар вилояти Бухоро чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Маҳорати баланди муштзанӣ имкон додааст, ки ўро дар синни 18-солагӣ ба узвияти дастаи яккачини Ўзбекистон қабул кунанд. Вай чемпиони Бозиҳои олимпии тобистонаи наврасон дар «Буэнос-Айрес-2018» аст. Ў дар айни замон ғолиби чемпионатҳои ҷаҳон байни ҷавонон ва қитъаи Осиё мебошад. Абдумалик соли 2021 дар чемпионати ҷаҳон байни калонсолон дар пойтахти Сербия – Белград соҳиби медали нуқра гаштааст. Вай худи ҳамон сол дар Дубай дар қувваозмоиҳои қитъа соҳиби медали биринҷӣ, соли 2022 дар чемпионати Осиё дар Уммон соҳиби медали тилло шудааст. Ў соли 2023 дар мусобиқаҳои ҷаҳонии шаҳри Тошканд дар тоифаи вазни 57 кг ғолиб баромадааст. А. Халлоқов сазовори номи беҳтарин варзишгар байни мардон дар соли 2023 гаштааст. Ў барандаи унвони «Варзишгари хидматнишондодаи Ҷумҳурии Ўзбекистон» мебошад.



Халлоқов дар мусобиқаҳои тобистонаи Осиё «Хангжоу-2022» дар тоифаи вазнаш соҳиби медали тилло гашта, ба қувваозмоиҳои олимпии «Париж-2024» роҳхат гирифтааст.

Имрўз халқи Ўзбекистон бо Абдумалик Халлоқов барин фарзандони боиқтидор ва ватанпарвари худ ифтихор дорад. Чи хеле ки волидони ў эътироф карданд, имкониятҳои бемисле, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлат барои ҷавонони соҳибиқтидори мамлакат фароҳам оварда шудааст, имконият медиҳад, ки фарзандони мо дар микёси ҷаҳон баробари дигар соҳаҳо дар ҷабҳаи варзиш низ ба натиҷаҳои аз ин ҳам волотар соҳиб шаванд, обрўю эътибори Ватанро бештар афзоянд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Инсон бояд на аз марг, балки бим аз он дошта бошад, ки дигар зиндагиашро идома дода наметавонад.
**Марк АВРЕЛИЙ.**

Гуноҳҳои кухна сояҳои дароз доранд.
**Агата КРИСТИ.**

Дар ҳамаи ҳолатҳо асоси фаромўшхотириро ангезаи нохоҳамӣ ташкил медиҳад.
**Зигмунд ФРЕЙД.**

Ҳасодат намегузорад бидонем, ки дигарон ба чӣ қимат комёб гардидаанд. Айби бетадбирӣ ва коҳилии худро пўшонда хоҳем гуфт: «Ин кори бахту иқбол аст».

***

Ҳар киро, ки забон дар ихтиёр нест, ҳамчу мошинест, ки тормоз надорад.
**Муҳаммади ҲИҶОЗӢ.**

Қудрат ҳамеша одамони пастфитратро ба худ ҷалб менамояд.
**Алберт ЭЙНШТЕЙН.**

Интеллект натанҳо дониш, балки қобилияти ба амал татбиқ кардани онро низ дар бар мегирад.
**АРАСТУ.**

Хасис ҳамеша камбағал аст.
**Франческо ПЕТРАРКА.**

Душманон ҳамеша ҳақиқатро мегўянд, дўстон — ҳеч гоҳ.
**СИТСЕРОН.**

Ба дўсти худ он чиро магў, ки душманат бояд надонад.
**Артур ШОПЕНГАУЭР.**

Таҳқир баҳсҳои маъмулии онҳоест, ки ноҳақанд.
**Жан-Жак РУССО.**

Ту метавонӣ аз ҳолату одамон фирор кунӣ, вале аз фикру эҳсосоти худ гурехта наметавонӣ.
**Эрих Мария РЕМАРК.**

Фарқ надорад, ки ту пулу обрў дорӣ ё на. Агар дили хайрхоҳ надошта бошӣ, ҳеч касӣ.
**Луи де-ФЮНЕС.**

**Тарҷума ва таҳияи**
**А. СУБҲОН.**

## ХАБАРҲО

### АҚЛҲОРО АҚЛҲО ЁРӢ ДИҲАД...

***Дар Маркази маҳорати педагогии вилояти Самарқанд барои омўзгорон ва роҳбарони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар мавзўи «Ислоҳоти бомуваффақият – асоси натиҷаҳои баланд» дарсҳои маҳорат ташкил ёфт.***

Аллакай қариб 300 нафар роҳбарони мактабҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ва муаллимони фанҳои дақиқ бар асоси таҷрибаи Сингапур такмили ихтисос карданд.

– То соли хониши нав ба беш аз 3 ҳазору 800 нафар омўзгорон бо усули онлайн таълим хоҳем дод, – иброз дошт сардори садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Ш.Эшонкулов, – ҳоло таҷрибаи Сингапур на танҳо дар Ўзбекистони Нав, инчунин тамоми дунё паҳн шуда, барои инкишоф ва ривоҷу равнақи муаллимони фанҳои дақиқ зарур аст.

– Муаллимони мактаби мо дар Маркази маҳорати педагогии вилоят такмили ихтисос намудаанд, – гуфт сарвари таълимгоҳи рақами 21-уми шаҳри Самарқанд Сабиҳа Раҷабова, – умед дорем, ки он самараи хуб медиҳад. Зеро ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад гуфтаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

### ҶАМЪБАСТИ ДАВРАИ ВИЛОЯТИИ ҶАШНВОРА

***Пурмазмун гузаронидани вақти холии мактаббачагон, дар байни онҳо тарғиб намудани тарзи солими зист, бедор сохтани шавқу рағбати насли ҷавон ба китобхонӣ яке аз самтҳои устувор дар таълиму тарбияи замонавист.***

Дар ин бобат Мактаби бачаҳои «Авлоди баркамол»-и назди Вазорати таълими томактабию мактабӣ корҳои муҳимро ба амал мебарорад. Бо мақсади мустаҳкамсозии донишу биниши онҳо дар доираи берунаэмактабӣ чораҳо андешида мешаванд.

Ба наздикӣ дар Театри лўхтаки Қаршӣ давраи вилоятии Ҷашнвораи ҷумҳуриявии «Авлоди баркамол» баргузор гардид.

Дар давраи вилоятии ҷорабинӣ зиёда аз 19 ҳазор нафар бачаҳо иштирок карданд ва қувва санҷиданд. Дар 7 самт беҳтарин бачаҳои иқтидорнок интихоб гардиданд. Ғолибон тақдир шуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Пажўҳиш

# АЛЛОМА ИМОМ АЛ-КОСОНӢ

***Дар замони пойдоргардии тамаддуни исломӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ (асрҳои VII-IX) дар сарзамини бостониамон марказҳои машҳуру маъруфи ҳадисшиносӣ ва фиқҳшиносӣ низ ташаккул меёбанд. Дар замони тиллоии даврони нахустини Бедории миллии Шарқ (асрҳои IX-XII) бо ташаккули академияи улуми Маъмун («Дорул-ҳикма») як теъдод мутафаккирони барҷаста дар Мовароуннаҳр арзи вуҷуд намуданд, ки бо асарҳои нодири худ ба рушду равнақи илмҳои дунёиву динӣ, ҳадису фиқҳ саҳми бендоза калон гузоштаанд.***

«Аз ҳамин тоифаи алломаҳои намоён, ки дар асри XII зиндагӣ ва эҷод кардаасту дар аҳди ҳукмронии Қарохониён (999-1212) ба мақоми фақеҳи бузурги замон расидааст, зодаи шаҳри қадимии Косон, воқеъ дар қисмати шимолии вилояти Фарғона Мавлоно Алоуддин Абубакр ибн Масъуд ибн Аҳмад ал-Косонӣ (1110-1191) мебошад», навиштааст муҳаққиқи таърихи ислом аз Миср Аҳмад ибн Мустафо Тошкўбризода дар асари худ «Табақот ал-фуқаҳо» (Қоҳира, 1961,саҳ.202). Алоуддин Абубакр илмҳои ибтидоиро дар зодгоҳаш – Косон, ки яке аз марказҳои калони сиёсиву фарҳангии давлати Фарғона буд, мегирад. Сипас, барои пурракуниву мустаҳкамсозии дониши худ ба шаҳри Самарқанд меравад. Дар он ҷо ў бо устоди оянадаи худ, фақеҳи маъруфи замонааш Мавлоно Муҳаммад Алоуддин Абубакр Самарқандӣ (соли фавташ 1144) шинос мешавад ва таҳсили илмро таҳти роҳбарии ў идома медиҳад. Охири асри XII дар Мовароуннаҳр вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ хеле пуршиддат гардида буд. Муборизаву талошҳо барои тоҷу тахт байни сулолаҳои Қарохонӣ ва Ғазнавӣ ба авҷи баланддаш расида буд. Дар ин гуна шароити пурталотуму пурбўҳрон аксарияти олимону шоирон тарки ватан намуда, роҳ ба кишварҳои Шарқи Наздик гирифта буданд. Алоуддин Абубакри Косонӣ низ ҳамроҳи устодаш маҷбур шуданд барои идомаи таҳсил ва фаъолияти эҷодӣ ба сўи кишварҳои Рум ва Сурия ҳиҷрат намоянд. Зеро аз тохтутозҳои харобиовари соҳибони салтанат ҳеч кас дар эмин намонда буд.

Муҳаммад Алоуддин Самарқандӣ дар соҳаи фиқҳ донишманди маъруф ва беҳамто буд ва дар мадрасаҳо оиди қонунҳои шариат ва аҳкоми ислом бо маҳорати баланд дарс мегуфт. Абубакри Косонӣ яке аз шогирдони болаёқати ў буд. Ҳамҷоя бо сабақомўзӣ асари машҳури фиқҳии устодаш «Тўҳфат-ул-фуқаҳо» («Тўҳфаҳо ба фақеҳон»)-ро мутолиа намуда, ҷавобан ба он асари машҳури худ «Бадоеъ-ус-саноеъ фи тартиб-уш-шароеъ» («Санъатҳои бадеӣ дар баёни тартибҳои шариат»)-ро таълиф менамояд. Ас-Самарқандӣ бо асари шогирдаш ошно гардида, ба тарзи баён ва ба дониши амиқи Ал-Косонӣ баҳои баланд медиҳад. Сипас, духтараш Фотимаро, ки ба шогирдаш андаке дилгармӣ дошт, ба Абубакри Косонӣ ба занӣ медиҳад. Фотима, ки дар оилаи алломаи бузург тарбия ёфта буд, сарфу наҳви забони арабиро мукаммал медонист, Қуръонро ёд гирифта буду дар соҳаи фиқҳ дониши амиқе дошт. Асари падараш «Тўҳфат-ул-фуқаҳо»-ро аз ёд медонист. Аз ин сабаб тибқи хабарҳои маъхазҳои мўътабар дар зери фатвоҳои падараш имзо ва мўҳри Фотима низ ба чашм мерасид. Оиди дониши баланди Фотима ас-Самарқандӣ муаррихи араб Ал-Қурашӣ Абўмуҳаммад Абдулқодир ибн Абулвафо ибн Муҳаммад ал-Мисрӣ дар асари худ «Ал-Ҷавоҳир ал-мудиъ фит табақот ул-ҳанафия» (Ҳайдаробод, 1913, ҷилди II, саҳ.244) чунин ёдовар шудааст: »Падарам дар бораи устоди мукаммали мазҳаби ҳанафия будани Фотима ва маротиби бисёр баъзе хатоҳои шавҳарашро дар баёни фатво ислоҳ намудани ў ва аз ҷониби Ал-Косонӣ қабул гардидани нишондодҳои завҷаашро бисёр ҳикоя мекард».-

Зимни истиқомат дар Рум ў дар мадрасаи Анталия ба толибилмон аз фанни фиқҳ дарс мегуфт. Дар баҳсу мунозираҳо Ал-Косонӣ фикри худро бебокона қатъи назар ба кадом тоифа мансуб будани сомеъон рўирост ва ошкоро баён мекард. Аз ин лиҳоз, баёни фикрҳои аз нуқтаи назари ислом адолатноки ў ба ҳукмдорони замон хуш намеомад. Боре Алоуддини Косонӣ бо яке аз фақеҳони дарбори Салҷуқиён – Имом Шаръонӣ оиди як масъала баҳс мекунад ва бо далелу бурҳони қатъӣ фикри худро собит месозад. Бинобар ҳамин сабабҳо солҳои 80-уми асри XII Қилич Арслонхони Салҷуқӣ (ҳокими Анталия) Ал-Косониро аз вазифаи мударрисӣ озод карданӣ мешавад. Аммо вазири соҳибтадбири ў ба Арслонхон тариқи маслиҳат мегўяд, ки чунин донишманди воломақомро бидуни ягон сабаб қатъи лавозим намудан ҷоиз нест, беҳтараш ўро ба шаҳри дигар чун сафир равон бикунад. Ва соли 1148 Қилич Арслонхон Абубакр Косониро ба назди ҳукмдори шаҳри Ҳалаби Сурия Нуриддин Маҳмуд ибни Зангӣ мефиристад. Ибни Зангӣ Имом ал-Косониро бо хушнудӣ истиқбол мегирад ва ба ў роҳбарии мадрасаи аз ҷониби худаш бунёдгардидаи «Ал-Ҳаловия»-ро таклиф мекунад. Муддати тўлонӣ (наздики 40 сол) Косонӣ дар мадраса ба толибилмон аз сарфу наҳв ва фиқҳ сабақ омўхта буд. Аҳли Ҳалаб дар чандин муҳокимаву мунозираҳо дониши баланди ўро шоҳид гашта буданд. Косонӣ соли 1191 дар шаҳри Ҳалаб вафот мекунад ва дар қабристони «Мақоми Иброҳим Халил», дар назди қабри завҷааш Фотима ас-Самарқандӣ охирин макони худро дарёфтааст. Тавре ки зикр гардид, аз Имом ал-Косонӣ ба мо асари мукаммал дар фиқҳ – «Бадоеъ-ус-саноеъ фит тартиб-уш-шароеъ» расидааст. Асар солҳои 1327-1328 ҳиҷрӣ мутобиқи 1910-уми милодӣ дар Қоҳира, дар 7 ҷилд чоп шудааст. Асар дар соҳаи фиқҳ манбаи муҳими дастурӣ буда, бинобар фикри шарқшиноси Британия В. Маделунг «асар нусхаи беҳамто ва нодиру намунаи баланди соҳаи илми фиқҳи Ҳанафия ба шумор меравад». Боз як асари дигарро, ки «Ас-султон ал-мубин фи усул-ад-дин» ном дорад, ба қалами Косонӣ нисбат додаанд, ки то замони мо нарасидааст. Ба қавли олими намоёни фиқҳ, муаллифи асари маъруф дар соҳаи фиқҳ «Кашфуз-зуннун» Ҳоҷӣ Халифа: «Китоб ба куллӣ ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам мазмуну мундариҷа ба ҷисми худ монанд аст». «Бадоеъ-ус-саноеъ» – дар байни китобҳои соҳаи фиқҳ беҳамтост ва мавқеву мақоми ба худ хосро дорад. Аз ин лиҳоз имрўз низ қимати илмиву амалии худро аз даст надодаасту дар бисёр донишкадаҳои динӣ ва университетҳои Аврупо чун манбаи муҳими шарҳи қонунҳои шариат манбаи омўзиш қарор гирифтааст. Аз ин боис омўзишу тадқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодии Мавлоно Косонӣ ва интишори мероси илмии ў дар замони имрўзаи пуршиддат низ аҳамияти калонро дорост.

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**доктори илмҳои фалсафа.**

***Назар ба маълумотҳо, алъон наздик 55 фоизи аҳолии вилояти Андиҷонро ҷавонони то 30-сола ташкил менамоянд.***

## ҶАВОНОН БА ШУҒЛ ТАЪМИН МЕШАВАНД

Чун дар тамоми мамлакат дар ин вилоят низ бобати дастгирии ҳарҷонибаи ҷавонон, ба амал баровардани иқтидору салоҳияти онҳо, ҳалли мушкилоти насли ҷавон хусусан дар масъалаи шуғли доимӣ, ташаккул додани манбаи даромади онҳо корҳои муҳим ба сомон расонда мешаванд.

Дар ибтидои сол аз ҷониби гурўҳҳои пешбари ҷавонон ҳолоти ҳар маҳалла санҷида ва мавҷуд будани 15 ҳазору 51 нафар бекорон аниқ шуда буд. Бо мақсади таъмини ҷавонон бо кор харитаҳои роҳ кор карда баровардa шуд. Дар натиҷаи аз рўи нақшаҳои аниқ пеш бурда шудани корҳо 10 ҳазору 834 нафар ё худ 72 фоиз корҷўён ба шуғл таъмин карда шуданд, мегўяд роҳбари идораи шуъбаи андиҷонии Агентии кор бо ҷавонон Ойбек Йўлдошев.

Ҳоло барои ба шуғл таъмин кардани 8 ҳазору 683 ҷавонон корҳо пеш бурда мешаванд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# «САЙРИ ХАРБУЗА» ДАР БУХОРО



***Ба муносибати 33-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар шаҳри Бухоро иди анъанавии XXVI «Сайри харбуза» ба амал омад. Дар он таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Б. Зарифов сарварони секторҳо, ҳокимони шаҳру ноҳияҳои вилоят, деҳқонон аз гўшаву канори вилоят, фермерони полизкор, соҳибони қитъаҳои наздиҳавлӣ, мутасаддиёни корхонаҳои агросаноат, ташкилотҳои давлатию ҷамоатӣ, меҳмонони хориҷӣ ва сокинони шаҳру ноҳияҳо иштирок карданд.***

Ҳокими вилоят ба сухан баромада, иштироккунандагони ҷорабиниро бо иди наздикомадаистодаи 33-солагии истиқлолияти мамлакат мубокабод намуд. Вай дар бораи таърихи полизкорӣ дар Бухоро, аз ҷумла дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтани харбузаҳои пуршаҳду шакарини ин сарзамин, аз байн рафтани яккаҳокимии пахта ва ҷои вайро ишғол намудани ғаллапарварӣ, сабзаводкорию боғпарварӣ, инчунин рушд ёфтани полизкорӣ ва ғайра таваққуф намуд.

– Боиси хурсандист, ки солҳои истиқлолият анъанаи қадимии полизкорӣ, бештар аз 30 намуди ин соҳа аз қабили «Каллабўрӣ», «Барчиной», «Гулобӣ», «Шерозӣ», «Амирӣ», «Лўблоӣ», «Бегзотӣ», «Оби набот», эҳё гардида, ба дастархони мардум файз мебахшад. Дар шароите, ки бо инкишоф ёфтани технологияҳо маҳсулоти сохтаю сунъӣ афзудааст, мардуми олам боз ба маҳсулоти аслии табиӣ рў овардааст, зиёд намудани содироти маҳсулоти полиз талаби рўз аст, — таъкид намуд ҳокими вилоят.

Дар растаҳои шаҳру ноҳияҳо баробари маҳсулоти полиз созмон ёфтани савдои меваю сабзавот, асалу ширавор файзи тадбирро афзуд. Рўзи аввал қариб 1,5 ҳазор тонна маҳсулоти полизи хоҷагиҳои фермерӣ ба фурўш рафт. Рўзи дуюм низ ярмаркаи арзони маҳсулот, ҳунарнамоии дастаҳои фолклорӣ ба шаҳриён кайфияти идона бахшид. Бегоҳии 8 август деҳқонони пешқадам бо диплом ва тўҳфаҳои ҳокимияти вилоят ҳавасманд гардонда шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

Аҳли идораи «Овози тоҷик» ба котиби масъули рўзнома Аълам Нарзиев нисбати вафоти бародараш

**Ҳалим НАРЗИЕВ**

ҳамдардии амиқ изҳор намуда, ба хонавода ва пайвандони марҳум сабри ҷамил металабад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 4192. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.